ҲАЗРАТ САБОҲӢ

# ХУРШЕДИ КОРЗАНЧӢ

*(Аз силсилаи «Симоҳои ҷовид»)*

Душанбе
«Адиб»
2009

Муҳаррир .**Ю. Аҳмадзода**
Масаввир **А. Абдуллоев**

ISBN 978-99947-57-95-4

© С. Ҳ. Сабоҳӣ, 2009



Дар охири даҳсолаи дуввуми асри ҳаштум, чунон ки аз ҳикоятҳои гузашта медонем, дар Суғд бар зидди арабҳо исёнҳо авҷ гирифтанд. Бузургони Суғд чунин мегуфтанд: Ё душманро аз кишвар меронем, ё ғуломи ҳалқабаргӯш мешавем ё муваққатан тарки ватан мекунем».

Азбаски шӯришҳои пай дар пай ба шикаст дучор мешуд, аксари суғдиён роҳи саввумро интихоб намуданд. Бузургон ва яке аз асилзодагони Суғд Хуршеди Корзанҷӣ, ки аз шаҳраки Корзани Суғди Самарқанд буд, бо шоҳи Фарғона – Алутар шартнома бастанд. Мутобиқи он Алутар суғдиёни муҳоҷирро бояд паноҳ медод ва онҳоро дар Исфара сокин мекард.

Муҳоҷирони суғдӣ, ки аҳли Миёнколу Самарқанд буданд, бо сарварии Хуршеди Корзанҷӣ ба сӯи Фарғона раҳсипор шуданд. Онҳо то Хуҷанд расиданд ва муддате он ҷо монданд, то ки минбаъд ба Исфара раванд.

Дар ин ҳангом, яъне аввали соли 722 лашкаркаши арабҳо Ал-Хорошӣ барои фурӯ нишондани шӯришҳо аз Хуросон ба Бухоро ва баъд ба Дабусия (наздикии Самарқанд) омад. Дар ҳамин вақт амакзодаи Алутар (шоҳи Фарғона) –Нилон ба назди Ал-Харошӣ расид.

Вай ба Ал-Харошӣ гуфт:



– Суғдиёну шоҳи Фарғона бо ҳам аҳд карданд. Ҳоло онҳо муваққатан дар Хуҷанд иқомат доранд. Ҳануз ки онон ба Исфара нарасидаанд, таъқибашон бикун. Зуд бош!

Суғдиён дар атрофи қалъаи Хуҷанд истеҳком гирифтанд. Дар берун аз девори қалъа хандаққо кофтанд. Барои фиреби душман рӯи онро ба матоъ пӯшиданд ва болояш хок рехтанд. Вақте ки Ал-Харошӣ ба қалъа наздик шуд, суғдиён дарвозаро кушода, ба арабҳо ҳуҷум намуданд. Азбаски сарбозони араб зиёд буданд, суғдиён зуд шикаст хурда, ба ақиб баргаштанд. Ҳангоми ақибнишинӣ бисёре аз онҳо ба хандаққои худ рафтанд. Хуршеди Корзанҷӣ ба назди шоҳи Фарғона кас фиристод, то ки мувофиқи ваъда ба суғдиён ёрӣ намояд. Шоҳи Фарғона аз ёрӣ худдорӣ намуд. Суғдиён пай бурданд, ки ӯ онҳоро фурӯхтааст ва вайро хоин хонданд. Пас аз ҷангҳои шадид Хуршеди Корзанҷӣ ба Ал-Хорошӣ хоҳиши сулҳ намуд ва гуфт:

– Мардуми моро намекушӣ. Ба мо иҷозат медиҳӣ, то ки ба Суғд баргардем.

Ал-Хорошӣ тамоми суғдиёнро аз Хуҷанд берун карда, ҳамаи аслиҳаи онҳоро гирифт ва худашонро дар қароргоҳи аскарони араб ҷой дод. Субҳи рӯзи дигар Хуршеди Корзанҷӣ аз матои сабз бар сари худ фӯта баст ва аз хайма берун омад. Мувофиқи гуфтугӯи қаблӣ ин нишони оғози шӯриш буд. Ҳамаи суғдиён ба шӯр омада, ба арабҳо дарафтоданд ва чандин нафари онҳоро куштанд. Дар ин ҷанг Хуршед кушта шуд. Ӯро Собит ибни Усмон ба қатл расонд. Ал-Харошӣ бештар аз ҳашт ҳазор нафар суғдии муҳоҷирро қатл намуда, ашёи қимматбаҳо ва зару revari бузургон, ашрофон ва тоҷиронро ғанимат гирифт ва сарбозони худ тақсим кард. Бо вуҷуди ин ҳам мардум рӯҳафтода нашуд ва шӯриш дар Мовароуннаҳру Хуросон идома мекард.



**Ҳазрат Сабоҳӣ**

**ХУРШЕДИ КОРЗАНЧӢ**

*(Барои кӯдакони синни хурд ва синфҳои ибтидоӣ)*

Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ**. М.Саидова**
Ҳуруфчини компутерӣ **Р. Атоева**

Ба матбаа17.08.09 таҳвил гардид. Чопаш 03.09.09
ба имзо расид. Андозаи 60x841/16. Коғаз ва чопи офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 2000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 а.

Дар матбааи «Полиграфия-Арсенал-Принт» чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 31.
Тел.: 221 39 79